«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
генерал-майори милитсия

__________________ Насуриён П.А.

«02» 06 2025

# ХУЛОСАИ
# АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи "Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Анварзода Самандар Анвар унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Анварзода Самандар Анвар соли 2010 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда онро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси (ҳуқуқшиносӣ) бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аз 05 ноябри соли 2015 ба мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул гардида, сараввал дар вазифаи коромӯз, баъдан дар вазифаи мустақили муфаттиши прокуратураи ш. Панҷакент, ва аз 30 апрели соли 2020 то ин ҷониб дар вазифаи прокурори шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, № 243 ба ҳайси унвонҷуи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, онро моҳи апрели соли 2025 с. хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 апрели соли 2024, №8 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Раҳимзода Рамазон Ҳамро, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 15-уми майи соли 2025, №2 аз ҷониби Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 31-уми майи соли 2025, №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» чунин хулоса қабул **карда шуд:**

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028», мавзуи илмӣ-тадқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2021-2025)», ки аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии назди кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 3 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашр гардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки фикру андешаҳо, хулосаҳои назариявии муаллифро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ дар фаъолияти илмӣ, таълимӣ ва амалии муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурд. Натиҷаҳои илман асосноккардашудаи муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ низ истифода бурдан имконият дорад.

Маводи илман асоснок ҳамчун сарчашма дар фаъолияти таълимӣ вобаста ба фанҳои таълимии «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «Криминалистика», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ», ва курсҳои махсус, ки дар кафедраҳои дахлдори факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тадрис дода мешаванд, метавонанд истифода шаванд.

Таклифҳои муаллиф, ки вобаста ба фаъолияти касбӣ дахл доранд, метавонанд дар дарсҳои хизматӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои бозомӯзии кормандони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар, инчунин, дигар кормандони мақомоти дахлдори давлатӣ васеъ истифода бурда шаванд.

5. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ дар самти асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мазкур, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти монографӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ-ро дар бар мегирад. Бояд иброз намуд, ки дар чунин сатҳ таҳқиқоти монографӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мавзуи интихобнамудаи диссертант дар ҷумҳурӣ таълиф ва ба ҳимояи ошкоро пешниҳод карда нашудааст.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда аҳаммияти назаррас доранд. Масалан:

1. Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – маълумоти ҳуҷҷатноккардашудаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти мазкур мебошанд, ки мутобиқи қонунгузории оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ марбут ба ҳодисаи ҷиноят ва ҳалли дигар вазифаҳои дар назди мақомоти мазкур гузошташуда дар марҳилаи тайёршавӣ, содиршавӣ ё анҷомдода ва иштирокчиёни он, инчунин, шахсоне, ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон гардидаанд, ҷамъ оварда шудаанд.

2. Истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ – амали мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор, судя (суд) бо маводи оперативии ғайримахфигардида ва пешкашкардашудаи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷиҳати санҷишу баҳогузории асоснок ва қонунии онҳо ва истифодабариашон дар ҷараёни исбот бо парвандаи ҷиноятӣ мебошад.

3. Таҳлили асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияи "назоратбарии судӣ" вуҷуд надошта бошад ҳам, фаъолияти суд оид ба иҷрои вазифаҳои муқарраргардидаи қонун функсияи назоратбариро низ дар бар мегирад. Дар марҳилаҳои таҳқиқу тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ мақомоти суд назоратбарии судиро тавассути ваколатҳои зерин ба амал мебарорад:

1) Санҷиши асоснокӣ ва қонунӣ будани маводи пешниҳодкардашуда ҳангоми ҳалли масъалаи додани иҷозат оид ба гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амали тафтишотии ба нақшагирифташудаи мақомоти ваколатдор (амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ), ки ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро маҳдуд мекунанд;

2) Пешбурди мурофиаи судӣ, муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятие, ки бо он таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ анҷом дода шудааст ва он бо фикри айбдоркунӣ тавассути прокурори ваколатдор ба суд ирсол карда мешавад. Дар ин ҳангом суд парвандаи ҷиноятиро баррасӣ намуда, далелҳои пешниҳодкардашудаи тарафҳои айбдоркунанда ва ҳимояро месанҷад, натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ истифодабурдашударо барои қобили

қабул кардан ба сифати далели исбот тафтишу баҳогузорӣ менамояд ва бо ин ҳаракатҳо назоратбариро амалӣ менамояд;

3) Баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, арзу шикоятҳояшон вобаста ба вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон дар рафти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва мурофиаи судӣ ва ҳалли масъалаҳои ба онҳо дахлдор феълан назоратбарии судиро ба вуҷуд меорад.

4. Сарчашмаи мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ камбудиҳои ба ҳисоб мераванд:

1) Мувофиқат накардани ҳуҷҷатноккунонии натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии гузаронидашуда, тарзи барасмиятдарории онҳо ба талаботи қонун;

2) Вайрон кардани қонуният ҳангоми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки ба сифати натиҷаҳои он таъсироти манфӣ мерасонад.

Ҳолатҳои зикргардида метавонанд ҷиҳати ҷараёни истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мушкилӣ ба миён оранд ё ин ки тамоман истифодабарии натиҷаҳоро ғайриимкон намоянд.

Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо зиёда аз 3,56 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Анварзода С.А. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: сарчашмаҳои конститутсионӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – № 2 (46). – С. 148-155; ISSN 2305-0535.

**[2-М].** Анварзода С.А. Махсусияти ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – № 3 (59). – С. 142-147; ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Анварзода С.А. Самтҳои такмили асосҳои ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – № 2 (66). – С. 142-147; ISSN 2412-141X.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[4-М].** Анварзода С.А. Аҳаммияти натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / С.А. Анварзода // 15-солагии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо: маҷмуаи маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, ш. Душанбе, 03 декабри с. 2024 / Зери таҳр. н.и.ҳ., генерал-майори милитсия П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 280-284.

**[5-М].** Анварзода С.А. Сатҳи коркарди таълимӣ ва илмӣ-амалии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Пайки оперативӣ. – 2025. – № 1 (2). – С. 87-93.

**[6-М].** Анварзода С.А. Ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / С.А. Анварзода // Маҷмуаи маводди IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18 апрели с. 2025) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 354-361.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: 14 нафар, аз ҷумла, 1 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 4 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 1 нафар профессор, 1 нафар дотсент, 7 нафар омӯзгорони калон ва омузгорон. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Протоколи №10 аз 24-уми майи соли 2025.

Раиси ҷаласа:
Сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.,
подполковники милитсия — Нарзуллозода С.С.

Котиби ҷаласа:
Профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия — Муҳитдинзода Н.М.

Имзои Нарзуллозода С.С. ва Муҳитдинзода Н.М.-ро тасдиқ мекунам:
Муовини сардори ШК Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия — Камолӣ З.Б.

«02» 06 2025 с.

Суроға: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Мастонгулова, 3, тел: +(992 37) 226-60-42, факс: +(992 37) 226-60-43, Веб.сайт – www.avkd.tj, e-mail: academia.a@vkd.tj